**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Масъалаҳои марбут ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ бевосита бо ҳуқуқ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар доираи танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиддиинҳисорӣ зарурати омузиши ҷанбаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд. Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзуи “Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст, ҷанбаҳои соҳаи мазкурро фаро мегирад. Масъалаҳои марбут ба муносибатҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои зиддиинҳисорӣ бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ танзим мегарданд. Баррасии масъалаҳои иқтисодии маҳдудкунии инҳисорӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хос мебошанд.

Бо назардошти он, ки мавзуи мазкур ҷанбаҳои дар боло зикргардидаро фаро мегирад, вай ба шиносномаи ихтисосии 12.00.03 -

Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Соҳаи зиддиинҳисорӣ дар ҷаҳони муосир яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодиёт буда, дар маҷмуи маҳсулоти дохилии бисёр кишварҳо саҳми арзанда мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо потенсиали иқтисодӣ ва имкониятҳои гуногуни соҳибкорӣ барои рушди соҳаи зиддиинҳисорӣ имкониятҳои бузург дорад.

Мубрамияти таҳқиқот оид ба танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар Тоҷикистон бо якчанд омилҳо асоснок карда мешавад. Аввало, маҳдудкунии инҳисорӣ метавонад сарчашмаи алтернативии даромади иқтисодиёти миллӣ гардад, хусусан бо назардошти зарурати диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар ва коҳиш додани вобастагӣ аз соҳаҳои анъанавӣ. Сониян, равандҳои муосир, ҷаҳонишавӣ, ташкили заминаҳои самараноки ҳуқукиро талаб менамояд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад ва ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиёни онро таъмин карда тавонад. Набудани танзими дақиқи ҳуқуқӣ метавонад ба рушди соҳа монеъ шавад ва боварии сармоягузорону субъектҳои хоҷагиро коҳиш диҳад. Сеюм, ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ бидуни ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёру стандартҳои байналмилалӣ имконнопазир аст. Ин дар доираи иштироки давлат дар ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ва созишномаҳо дар соҳаи зиддиинҳисорӣ муҳим аст.

Аҳамияти махсусро омузиши таҷрибаи давлатҳои дигар дар соҳаи танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ ва имкони мутобиқ кардани он ба шароити Тоҷикистон касб кардааст. Ин барои ошкор намудани механизмҳои танзими давлатии соҳаи зиддиинҳисорӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ муҳим аст.

Ҳамин тариқ, омузиши масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз нуқтаи назари

доктриналӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро он ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат намуда, метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаҳои қонунгузории соҳаи зиддиинҳисорӣ дар кишвар замина гузорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки диссертатсия аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи марбут ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Гарчанде, ки то ин дам роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни зиддиинҳисорӣ таҳқиқоти алоҳида дар шакли мақолаҳои илмӣ, монографияҳо аз ҷониби мутахассисони самти иқтисодиёт рӯйи чоп омода бошанд, масъалаҳои ҳуқуқии он ва хусусан ҷанбаҳои байналмилалии зиддиинҳисорӣ чуқур таҳлил нагардидааст. Бинобар ин, дараҷаи навгонии мавзуъ ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия дида мешаванд, барои рушди илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳлили низомноке мебошад, ки ҳам асосҳои назариявии танзими ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ ва ҳам ҷанбаҳои амалии истифодабарии меъёрҳои байналмилалиро дар қонунгузории миллӣ нишон медиҳанд.

Илова бар ин, навгонии кор бо он муайян карда мешавад, ки дар он кӯшиши таҳлили мутобиқати қонунгузории миллии зиддиинҳисорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ки гузаронида шудааст, имкон медиҳанд, то нуқсонҳое, ки дар танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур ҷой доранд, муайян гарданд.

Дар диссертатсия инчунин як қатор пешниҳодҳои дахлдор дар самти мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи зиддиинҳисорӣ ба назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои шароити миллӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар раванди таҳқиқот намудҳои фаъолияти инҳисорӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқии батанзимдарории зиддиинҳисорӣ, шартномаҳои иқтисодӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ татбиқшаванда, зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ, нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди зиддиинҳисорӣ дар Тоҷикистон ва ғайра баррасӣ гардидаанд. Баррасии ин масъалаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дар ин самт навгонии илмии рисолаи мазкурро нишон медиҳад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф як чанд пешниҳодҳоро манзур намудааст, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд. Аз ҷумла:

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

**I. Нуктаҳои хусусияти назариявӣ дошта:**

1. Асоснок карда мешавад, ки инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ, бастани созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро маҳдуд мекунанд, зоҳир гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ мавҷуд нест. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ба ҳолате дахл дорад, ки як субъекти хоҷагидор дар бозори маҳсулоти мушаххас мавқеи бартаридошта, ба иштирокчиёни нави хоҷагидор имкони вуруд ба ин бозорро маҳдуд мекунад ё комилан пешгирӣ менамояд. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки ин холигӣ бояд бо роҳи ворид кардани таърифи дақиқи мавқеи ҳукумфармоӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бартараф карда шавад, ки ин имкон медиҳад, то заминаи ҳуқуқӣ мустаҳкам, шаффофияти танзим баланд ва муқобилаи босамар бо амалияҳои инҳисорӣ таъмин гардида, бо ин роҳ манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз ва ба рушди муҳити одилонаи бозорӣ мусоидат карда шавад.

2. Таъкид мегардад, ки гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бо робитаҳои молумулкӣ, ташкилӣ ё хешовандӣ пайвастанд. Чунин вазъият заминаи ҳуқуқии фаъолиятро фароҳам оварда, робитаҳои мутақобила байни иштирокчиёнро муқаррар мекунад ва имкон медиҳад, ки амалҳои баъзе аз ин шахсон нисбат ба дигарон пешакӣ муайян ё замина барои чунин муайянсозӣ таъмин гардад.

3. Таҳаввули заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудааст, ба якчанд марҳилаи муҳими таърихӣ тақсим карда мешавад, ки ҳар яке саҳми назаррас дар ташаккули низоми муосири танзим дорад:

а. Марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқие, ки рақобат ва муқобила бо тамоюлҳои инҳисориро танзим мекунанд, аз соли 1991 то соли 1994-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 заминаи асосиро барои сиёсати зиддиинҳисорӣ гузошт ва қадами аввал ба сӯи эҷоди шароит барои рақобати одилонаи бозорӣ буд.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо таҳияи чаҳорчӯбаи асосии қонунгузории ҳифзи рақобат ва маҳдудкунии амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007 идома ёфт. Дар ин давра, якчанд санадҳои муҳими меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул шуданд, ки дар маҷмуъ заминаи ҳуқуқии бештар сохторбандшударо барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва соҳибкорон ташкил доданд.

в. Марҳилаи сеюм, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад, талош барои муосирсозии танзими зиддиинҳисорӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти муосири иқтисодиро инъикос мекунад, ки ба эҷоди муҳити устувор ва одилонаи бозорӣ мусоидат намуда, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозорро дастгирӣ мекунад.

4. Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маънои маҳдуд, ин ҳиссаи мавҷудияти субъекти хоҷагидор дар бозор аст, ки аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд мебошад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукмфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои афзалиятноки субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад.

Нишонаи асосии мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозори маҳсулоти мушаххас, хизматрасонӣ ё корҳо ҳолате аст, ки субъекти хоҷагидор ҳиссаи назарраси бозорро ишғол карда, ин мавқеъ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ расман ҳамчун ҳукмфармоӣ эътироф шудааст, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, то ба муҳити рақобатпазир таъсири ҷиддӣ расонад. Ин зарурати назорати қатъии мақомоти танзимкунандаро барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва нигоҳдории рушди одилонаи бозор таъкид мекунад.

5. Ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъи ҳама гуна созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, то хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд. Мушаххас карда мешавад, ки таърифи мафҳумҳои "картел" ва созишномаҳои уфуқӣ, ки дар банди 22-юми м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»

оварда шудаанд, аз лиҳози мундариҷа хеле фаррох буда, имкони бастани созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳое, ки рақиби якдигар нестанд, фароҳам меорад. Дар ин робита, зарур аст, ки ин таъриф бознигарӣ ва мушаххас карда шавад, то бо консепсияи картел, ки дар моддаи 7-и қонуни мазкур оварда шудааст, мутобиқ гардад ва шаффофият ва якхелагии танзими ҳуқуқӣ таъмин шавад. Ба андешаи муҳаққиқ, картел бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни онҳое, ки дар як бозори маҳсулот фурӯшандаанд ё дар ҳамон бозор харидор мебошанд, баррасӣ шавад, ки ин зарурати назорати қатъии чунин созишномаҳоро барои ҳифзи рақобати одилона ва пешгирӣ аз зарар ба истеъмолкунандагон ва иқтисодиёт таъкид мекунад.

6. Асоснок карда мешавад, ки барои рушди рақобат ва пешгирӣ аз маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ азнавташкилдиҳии маҷбурии субъекти дорои мавқеи ҳукумфармоӣ зарур аст. Чунин азнавташкилдиҳӣ бояд тариқи тартиби судӣ анҷом дода шавад. Омили асосии тақсимоти маҷбурӣ, ба ақидаи муаллиф, набудани вобастагии молумулкии субъектҳои тақсимшаванда, набудани робитаҳои технологӣ байни воҳидҳои сохтории субъектҳои хоҷагидор ва имконияти фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

**II. Пешниҳодҳои хусусияти амалӣ дошта:**

Бо мақсади такмили низоми танзими зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) нигаронида шудааст, пешниҳод мегардад, ки моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо таърифи дақиқи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дар шакли зерин пурра карда шавад: «Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ тартиби ҳуқуқиест, ки бо ҳадафи мусоидат ба рушди рақобати солим ва

шаффоф дар асоси қарори суд оид ба тақсим ё ҷудо кардани шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор дорад, дар ҳолати такроран анҷом додани амалҳои инҳисорӣ амалӣ мегардад, ки ба баркарорсозии муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад».

Илова бар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 18-уми м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки ба таърифи ҳуқуқии мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» бахшида шудааст, пас аз ибораи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораҳои «мухолиф ба принсипҳои ахлоқ ва баробарӣ» илова карда шавад, то дақиқтар, пурра ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок гардад. Бо ин роҳ заминаи ҳуқуқии муқобила бо амалияҳои бевиҷдонона мустаҳкам ва ҳифзи боэътимоди манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки ба м. 2-и Қонуни ҶТ«Дар бораи ҳимояи рақобат» иловаи зерин ворид карда шавад: «Мавқеи ҳукумфармоӣ – ин суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз имкониятҳои афзалиятнок дар бозор муҳити рақобатиро маҳдуд месозад ва ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад».

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои илмие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, ҳақиқӣ ва боэътимод мебошанд. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳқиқотӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳибкорӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи зиддиинҳисорӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ-маданӣ ошкор ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти

илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро дар бар мегирад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмии мазмуни проблемаҳои баррасишавандаро ифодакунанда нашр кардааст, 7 тои он дар маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии тақризшавандаи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Сохтори диссертатсия бо мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби ҳашт зербобро дарбаргиранда, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашаванда иборат аст.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Ҳаҷми диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз он, ки диссертатсияи мазкур дар доираи талаботи дахлдор таҳия гардидааст, дар он баъзе камбудиҳо ва масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд.

1. Диссертант дар нуктаи №3-и пешниҳодҳо барои ҳимоя, масъалаи марҳилаҳои таърихии санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ ҷудо намудааст, ки аз доираи мавзӯи ихтисоси 12.00.03 берун буда, ба сифати нуқта барои ҳимоя пешниҳодшаванда ғайри мақсаднок мешуморем.

2. Зербоби 3.2 рисола ба "Танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз" бахшида шудааст. Аммо диссертант таркиби шахсони бонуфузро ба таври бояду шояд таҳлил накардааст, аз ҷумла масъалаи "хешутабори

наздик ҳамчун шахсони бонуфуз" дар ҳаҷми як сархат дар саҳифаи 165-и рисола қайд шудааст халос. Камбудии мазкур муаллифро ба чунин хулосаи баҳснок оварда расонд: "Истилоҳи "шахсони бонуфуз", ки дар банди 1-и моддаи 13-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" зикр шудааст, аз ҷиҳати мазмун хеле фаррох буда, имкон медиҳад, ки шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда низ ба ин доира дохил карда шаванд ва ин метавонад боиси мушкилоти татбиқи амалии қонун вобаста ба тафсири аломатҳои шахсони бонуфуз гардад" (саҳ. 168-169). Дар инҷо хешутабор, ки бе шакҳ ба сифати шахсони бонуфуз баромад менамоянд, метавонанд аз ҷумлаи шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда бошанд. Вақте, ки ба сифати шахсони бонуфуз танҳо шахсони воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бударо эътироф кунем пас хешутабори наздке, ки соҳибкор нест, аммо метавонад ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) фаъолиятдошта таъсир расонад, чи бояд кард?

3. Муаллиф дар боби 3-и рисола масъалаҳои "чораҳои маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ"-ро баррасӣ намуда, ба "назорат аз болои ташкили субъектони хоҷагидорӣ", ки ҳамчун механизми муфид баҳри маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ истифода мешавад диққати зарурӣ надодааст, зеро одатан дар корҳои илмӣ он ҳамчун чораи алоҳидаи маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ таҳлил мегардад. Хуб мебуд, ки масъалаи мазкур васеътар мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд. Дар умум, диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ;

ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, профессори кафедраи
ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Муртазозода Ҷ.С.

Суроға: индекс 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нусратулло Махсум, хонаи 80, ҳуҷраи 32
Тел.:(+992) 93 766 90 00
E-mail: jamshed_1972@mail.ru

**"Имзои Муртазозода Ҷ.С. -ро тасдиқ менамоям":**
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992-37) 221-62-25;(+992-37) 227-15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj
«11» 11 соли 2025